ПРОТОКОЛИ № 5

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

**26 декабри соли 2025** **ш. Душанбе**

26 декабри соли 2025 соати 14:00 дар толори Шурои олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ш.Душанбе, куч. Гипрозем-17) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 баргузор гардид.

Дар ҷаласа аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024 №146/шд тасдиқ шудааст, 8 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори Шуро ки чӣ гуна пешниҳод дорад? Пешниҳод гардид, ки ба кори Шуро оғоз бахшида шавад. Ки ҷонибдори он, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Тарафдор - 8 нафар, муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Баррасии хулосаи комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Изатулоев Сафарали дар мавзӯи “Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ.

**Шунида шуд:** доктори илмҳои кишоварзӣ Раҷабов Фарҳод Меликбоевич., раиси комиссиям экспертӣ (протоколи № 4 аз 5 декабри соли 2025), ки хулосаи комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Изатулоев Сафарали баён намуд.

Диссертатсияи Изатулоев Сафарали дар мавзуи “Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ”, тахти роҳбарии доктори илмҳои кишоварзӣ Иргашев Толибҷон Абидҷонович ба иҷро расонида шудааст. Ин мавзуи илмӣ дар асоси барномаи комплексии шуъбаи селексия ва технологиям чорвои гӯштӣ, кутоспарварӣ ва аспарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон "Таҳияи асосҳои илмию амалии бунёди пойгоҳҳои зотпарварӣ оид ба чорвои гӯштӣ дар шароити нави хоҷагидорӣ” (ракамн ба қайдгирии давлатӣ РҚД: 0106TJ00553) аиҷом

дода шудааст.

Хулосаи диссертатсия аз рӯйи мавзуъ ва мундариҷааш ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илм мувофиқат мекунад. Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 ҳуқуқ дода шудааст, ки онро барои ҳимоя қабул кунад.

Таҳқиқотҳои илмӣ дар ҳудуди ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, ва ҳуҷҷати расмии КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон (илмҳои кишоварзӣ) гузаронида шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ ахбороти раиси комиссияи экспертӣ д.и.к. Раҷабов Ф. М.- ро оид ба кори диссертатсионии Изатулоев Сафарали дар мавзуи “Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ шунида, чунин қарор мекунад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Ахбороти раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои кишоварзӣ Раҷабов Ф. М., ба инобат гирифта шавад.

2. Диссертатсияи Изатулоев Сафарали дар мавзуи “Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, ба ҳимоя қабул карда шавад.

3. Бо пешниҳоди Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ва дар асоси банди 69 Низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, шахсони зерин муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Рӯзиев Тӯйчи Бадалович** – доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетика ҳайвоноти кишоварзӣ, профессори кафедраи зоотехнияи ҷузъии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

**Жаймишева Сауле Серекпаевна** - доктори илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 4.2.1 – Зоотехнияи ҷузъӣ, технологияи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, дотсент, профессори кафедраи технологияи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти чорводории Муассисаи федералии давлатии таълимии буҷетии таҳсилоти олӣ “Донишгоҳи давлатии аграрии Оренбург”.

Ба ҳайси муассисаи пешбар - **Институти илмӣ - тадқиқотии чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳурии Ӯзбекистон** муқаррар карда

шавад.

Санаи ҳимоя 17 марти соли 2026, соати 14:00 муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода швад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ба миқдори 100 дона иҷозат дода шавад.

Омода намудани хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Изатулоев Сафарали ба уҳдаи доктори илмҳои кишоварзӣ Раҷабов Ф.М., ва номзади илмҳои кишоварзӣ Ҷурабегзода Ҷ.А., вогузор карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 8, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раис, муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ Н.А. Раҷабов

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ Ф.Ҷ. Шералиев

26.12.2025.